# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми молияи давлатӣ ва суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат фармон медиҳам:

1. Шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Шӯро;

вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси Шуро.

Аъзои Шуро:

вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тодикистон;

мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ;

директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Бонки миллии Тоҷикистон (дар мувофиқа);

муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

котиби масъули Шуро (роҳбари котиботи Шӯро), ки аз ҷониби раиси Шӯро таъин карда мешавад.

2. Низомномаи замимагардидаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ тасдиқ карда шавад.

3. Бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ дар муддати як моҳ Котиботи Шӯроро ташкил намояд.

4. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ ҳамаи маводи талабкардашуда ва дастгирии экспертиро, ки ба фаъолияти он зарур мебошад, пешниҳод намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

16 сентябри соли 2008, №542 ш. Душанбе

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 16 сентябри соли 2008 № 542
тасдиқ шудааст

# Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ (минбаъд - Шӯро) мақомоти маслиҳатӣ-машваратӣ буда, ба таҳияи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва барномаи миёнамуҳлати амал, татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар доираи Стратегияи тасдиқшудаи идоракунии молияи давлатӣ масъул мебошад.

2. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ" ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст ва ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

## II. Мақсад ва вазифаи Шӯро

3. Мақсади Шӯро аз мусоидат намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ислоҳоти системаи идоракунии молияи давлатӣ барои баланд бардоштани самаранокии молияи давлатӣ ва суръат бахшидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат иборат мебошад.

4. Барои расидан ба мақсадҳои гузоштаршуда дар назди Шӯро вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

- таъмини саривақтии таҳия ва мусоидат ба қабули Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва барномаи амали миёнамуҳлат барои татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- таъмини саривақтии амалӣ намудани чорабиниҳо дар доираи барномаи амали миёнамуҳлати Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- ҳамоҳангсозии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ бо ислоҳоти ҷории соҳаҳо;

- гузаронидани мониторинги ҷараёни татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

## III. Вазифа ва салоҳиятҳои Шӯро

5. Ба вазифаҳои Шӯро дохил мешаванд:

- қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои гузаронидани ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегии тасдиқшуда: Стратегияи миллии рушд,

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатӣ ва Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- таъмини саривақтии таҳия, қабул ва татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва Барномаи миёнамуҳлати амал барои амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, муайян намудани пайдарпаии чорабиниҳо дар доираи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ;

- таҳияи барномаҳои амали миёнамуҳлат барои амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои ҳар сесола, пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати иҷрои барномаҳои мазкур;

- таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва гузаронидани мониторинг оид ба амалисозии чорабиниҳо дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- сафарбар намудани донорҳо ба иҷрои самараноки чорабиниҳо дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва мувофиқат намудани тартиби амалисозии он;

- муайян намудани доира, муназзамӣ ва ҳаҷми ёрии техникие, ки донорҳо барои гузаронидани ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ пешниҳод менамоянд.

- баррасии масъалаҳои дигари марбут ба татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ.

6. Барои амалӣ намудани вазифаҳо ба Шӯро салоҳиятҳои зерин дода мешаванд:

- ба ҷаласаҳои Шӯро ба сифати мушоҳид даъват намудани донорҳо;

- дар ҷаласаҳои худ мавриди баррасӣ қарор додани таклифу пешниҳодоти мақомоти идораи давлатӣ ва донорҳо оид ба масъалаҳои ислоҳоти системаи идоракунии молияи давлатӣ;

- бо тартиби муқарраршуда ҷалб намудани коршиносони ватаниву хориҷӣ, мушовирон ва олимон ҷиҳати арзёбии ҳолат ва ҷараёни амалӣ гардидани чорабиниҳои доираи Страгегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- сафарбар намудани донорҳо ба гузаронидани ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ;

- қабули қарорҳо доир ба пайдарпаии ҷорабиниҳо дар доираи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида манзур намудани тавсия ва таклифу пешниҳодот оид ба такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ;

- тасдиқ намудани Низомнома дар бораи Котиботи Шӯро.

7. Вазифаҳои Раиси Шуро:

- даъвати маҷлиси Шӯро;

- таъмини иҷрои қарорҳое, ки Шӯро қабул менамояд;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ахбор оид ба қарорҳое, ки доир ба масъалаҳои стратегӣ ва самтҳои ислоҳоти системаи идоракунии молияи давлатӣ қабул карда мешаванд;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Шӯро ва дараҷаи татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва барномаи амали миёнамуҳлат;

- тавассути воситаҳои ахбори омма ба иттилои аҳли ҷомеа расонидани мақсадҳои асосии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва пешравиҳое, ки дар амалисозии Стартегияи идоракунии молияи давлатӣ ба мушоҳида мерасанд;

- таъин намудани Котиби масъули Шӯро (Роҳбари Котиботи Шӯро);

## IV. Ташкили фаъолияти Шӯро

8. Ташкили фаъолияти Шӯро :

- фаъолияти асосии Шӯро маҷлис мебошад, ки дар ҳолати зарурият, вале на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ гузаронида мешавад;

- маҷлиси Шӯро салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад, агар дар он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок намоянд;

- қарорҳои Шӯро бо тарзи овоздиҳӣ қабул мегарданд ва дар шакли протокол тартиб дода мешаванд.

Таъминоти ташкилию методӣ ва техникии фаъолияти Шӯро аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиби масъули Шӯро (Роҳбари Котиботи Шӯро) амалӣ карда мешавад.

## V. Вазифа ва салоҳиятҳои Роҳбари Котиботи Шӯро

9. Вазифаҳои асосии Роҳбари Котиботи Шӯро аз инҳо иборат мебошанд:

- иҷрои вазифаҳои Котиби масъули Шӯро;
- ташкили фаъолияти Котиботи Шӯро;
- тайёр намудани ҷаласаҳои Шӯро;
- аз таърихи баргузории ҷаласаҳо огоҳ намудани аъзои Шӯро;
- огоҳ намудани Раис ва аъзои Шӯро аз ҷараёни татбиқи тавсияҳо ва пешниҳодоти Шӯро;
- даъвати донорҳо барои ба сифати нозир дар маҷлисҳо иштирок кардан;
- пешбурди протоколи маҷлисҳои навбатӣ ва фавқулоддаи Шӯро;
- саривақт ба аъзои Шуро, вазорату идораҳои дахлдор ва ба донорҳо ирсол намудани маводи зарурии дар Шӯро муҳокимашаванда ва протоколҳои он;
- тайёр намудани қарорҳои Шӯро;
- тайёр намудани изҳороти расмӣ доир ба қарорҳои Шӯро;
- гузаронидани мониторинг оид ба иҷрои қарорҳо, ки аз ҷониби Шӯро қабул гардидаанд;
- роҳбарӣ намудани гурӯҳи коршиносон-аъзои котиботи Шӯро;
- талаб намудани маводи зарурӣ ва дастгирии экспертӣ аз мақомоти идораи давлатии ҳамаи сатҳҳо;
- ҷалб намудани намояндагон ва мутахассисони дигар вазорату идораҳо ба кори Шӯро ва Котибот;
- ҳамкории мутақобила бо вазоратҳо дар масъалаи аз ҷониби онҳо иҷро гардидани ӯҳдадориҳои дахлдор дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ;

- ҳамкории мутақобила бо донорҳо дар масъалаи аз ҷониби онҳо иҷро гардидани ӯҳдадориҳои дахлдор дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва дигар масъалаҳои дар доираи салоҳияти худ;

- ба тасдиқи Шӯро пешниҳод намудани ҳайати Котиботи Шӯро ва вазифаҳои техникии дахлдори аъзои Шӯро;

10. Роҳбари Котиботи Шӯро ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти гуногуни давлатӣ барои кор ва фаъолияти Шӯро ҳамаи маълумоти заруриро талаб намояд;

- бо талаби Шӯро намояндагони дигар вазорату идораҳо, инчунин донорҳоро ба кори Шӯро ба сифати коршинос ҷалб намояд;

- бо донорҳо дар масъалаи аз ҷониби онҳо иҷро гардидани ӯҳдадориҳои дахлдор дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва дигар масъалаҳои дар доираи салоҳияти худ ҳамкорӣ намояд.

11. Роҳбари Котиботи Шӯро бланкаи расмии худро дорад.